# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст.**

Осори Нависандаи халқии Тоҷикистон барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Саттор Турсун (15.02.1946-05.06.2023) бо вижагиҳои хос, фарогирии мавзуъҳои мухталифи ҳаётӣ, силсилаи образҳои андешаманди барҷаста, тасвири воқеияти зиндагӣ, диалогу монологҳои ҷолиб, кушодани характери персонажҳо, шиддати равонӣ, сабки вижа ва забону услуби барҷаста дар адабиёти муосири тоҷикӣ аҳаммияти баланди бадеӣ дошта, сазовори таҳқиқоти ҷиддии адабиётшиносӣ мебошанд. Саттор Турсун яке аз нависандагони машҳур дар адабиёти муосири тоҷикӣ маҳсуб мешавад, ки дар радифи эҷоди осори бадеӣ, аз ҷумлаи ҳикояҳо, новеллаҳо, повестҳо ва роман, андешаҳои хуби публитсистӣ низ дорад ва ҳамвора ба фаъолияти тарҷумонӣ машғул будааст. Ҳамзамон, асарҳои нависанда ба забони русӣ ва дигар забонҳои халқҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ тарҷума шудаанд, ки ҳамаи ин масъалаҳо дар диссертатсияи унвонҷӯ бо як низоми муайян таҳқиқ ва баррасӣ шудаанд. Бо дарки амиқи ҳамин масъалаҳо унвонҷӯй Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» диссертатсияи ҷолиб навиштааст, ки чунин таҳқиқи фарогир то кунун дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ нигошта нашудааст.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки он аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар қисмати муқаддима унвонҷӯ масъалаҳои

назариявии таҳқиқотро бо низоми муайян ва савияи дурусти илмӣ баён кардааст.

Боби аввали диссертатсия «Омилҳои ташаккули шахсияти эҷодии Саттор Турсун» унвонгузорӣ шуда, аз чор фасл иборат аст. Дар чор фасли боби аввал унвонҷӯй масъалаҳои зиндагинома, ташаккули роҳи эҷодӣ, таснифи асарҳои нависанда, густариши жанри ҳикоя дар адабиёти муосир ва нақши ҳикоя ва повестҳои Саттор Турсун дар адабиёти муосири тоҷикиро таҳқиқ ва баррасӣ намудааст.

Боби дувум «Шеваҳои тасвири воқеияти зиндагӣ дар повестҳои Саттор Турсун» ном дорад ва дар ин боб унвонҷӯй асосан масъалаи шеваи тасвири воқеияти зиндагӣ дар повестҳои нависанда ва мавзуву мундариҷаи ғоявии ин асарҳоро таҳқиқ ва таҳлил намудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар романи «Се рӯзи як баҳор»-и Саттор Турсун» унвон дорад ва аз чор фасл фароҳам омада, дар ин боб масъалаҳои тасвири ҳолатҳои равонӣ, пуртазоди зиндагӣ, тасвири пайванди инсон бо табиат, таҳлили образҳо (шахсиятҳои достонӣ) ва забону сабки баёни Саттор Турсун таҳлил ва таҳқиқ шудаанд.

Хулосаи таҳқиқи мавзуъ дар 13 банд ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар 7 банд натиҷагирӣ ва ҷамъбаст шудаанд. Аз таҳлили автореферат ба назар мерасад, ки унвонҷӯ мақсаду вазифаҳои дар диссертатсия гузоштаро ба дурустӣ ҳал кардааст. Автореферати диссертатсия мухассаноти зиёд дорад. Новобаста ба муваффақиятҳо дар автореферат баъзе ноҷӯриҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳоро зарур медонем:

1. Дар автореферат мисолҳои таҳлилӣ оид ба хусусиятҳои бадеии забон ва сабки баёни нависанда камтар оварда шудаанд.

2. Унвонҷу имконият дошт, ки бандҳои хулосаро бештар нишон диҳад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Саидзода Саида Саид дар мавзуи «Тасвири воқеияти зиндагӣ дар насри Саттор Турсун» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:** номзади илмҳои филология,
Директори Муассисаи давлатии
«Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» Раҳматов Баҳром Аҳмадҷонович

Нишона: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш.Хуҷанд, кӯчаи ак. Раҷабовҳо, 59.
Тел.: (83422) 6 12 27. +992 92 794 41 09.
E-mail: raxmatov.1987@mail.ru

Имзои Раҳматов Б.А.-ро тасдиқ мекунам:
Шуъбаи кадри МД «Маркази илмии
Камоли Хуҷандӣ» Исобоев Даврон Раҳматович

Нишона: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш.Хуҷанд, кӯчаи ак. Раҷабовҳо, 59.
Тел.: +992 92 968 85 84.
E-mail: davron.isoboev@mail.ru

Ҷумҳурии Тоҷикистон
вилояти Суғд,
шаҳри Хуҷанд
Муассисаи давлатии
"Маркази илмии
Камоли Хуҷандӣ"
№ 12
"29" 01 с.2026

29.01.2026